**РОҲБАРИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**РУКОВОДИТЕЛЬ ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО АППАРАТА ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов М.С. ва Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ Хамралиев Ф.М. шинос карда шаванд.

**Вазорату идораҳо (тибқи рӯйхат)**

Барои иҷро.

*Ба Саидов О.А.*

№ 1с/122-7
«23» 04 2012

Б. ХУДОЁРОВ

«Тасдиқ мекунам»

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-

Раиси Шӯро Эмомалӣ Раҳмон

«22» апрели соли 2012

# ПРОТОКОЛИ № 1с/122-7

**ҷаласаи IX-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 10 апрели соли 2012**

**Дар ҷаласа аъзои Шӯро ва шахсони масъули даъватшуда тибқи рӯйхати замимагардида иштирок карданд.**

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав.
3. Ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон.
4. Пешниҳоди масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи кории ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ.

Раиси Шӯро - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи IX-уми Шӯрои машваратиро оғоз намуда, Роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиев Завқиҷон ва аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ Акбаров Фарҳодҷон - Роҳбари Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Ҷумаев Далер - Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Помир Энерҷӣ», Тюряева Маъсуда - Роҳбари Иттифоқи ассотсиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ Ругин Геннадий - Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «НБО Сангтуда-1»-ро ба ҳозирин муаррифӣ намуданд.

**Оид ба масъалаи якум** гузориши Котиби масъули Шӯро - Давлаталӣ Саидов шунида шуд, ки ӯ дар баромадаш нисбати иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои ҳафтум ва ҳаштуми Шӯро ахбороти муфассал манзур намуд. Қайд гардид, ки қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар маҷмӯъ татбиқ шуда бошанд ҳам, то ҳол баъзе масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли мусбии худро пайдо накардаанд.

Аз ҷумла, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, тибқи банди 7-и Протоколи ҷаласаи ҳаштуми Шӯро Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифат лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқиро бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, вале то ҳол вобаста ба масъалаи мазкур қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда нашудааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро пешниҳод намуданд, ки чунин тағйиротҳо, аз ҷумла масъалаи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти баъзе навъҳои нуриҳои минералӣ ва органикӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва тухмиҳои хушсифат на ба таври алоҳидагӣ, балки дар маҷмӯъ дар лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро ба Котиби масъули Шӯро супориш дода шуд, ки ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро таҳти назорати доимӣ гирифта шавад. Мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро гузаронида шуда, натиҷагирии он дар назди Сарвазири мамлакат давом дода шавад.

Ҳамчунин ба аъзоёни Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ тавсия дода шуд, ки оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ, аз ҷумла беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар байни соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳиро тақвият бахшанд. Бо Котиботи Шӯрои машваратӣ ҳамкориҳои зич ба роҳ монда, пешниҳодоти ҷолибро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Шӯро пешниҳод намоянд.

**Аз рӯи масъалаи дуюм** ахбороти Раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар



таҳрири нав, Вазири молияи ҷумҳурӣ Сафаралӣ Наҷмуддинов шунида шуд. Ӯ аз ҷумла қайд намуд, ки барои таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар назди Вазорати молия гурӯҳи корӣ аз ҳисоби вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ фаъолият намуда, лоиҳаи Кодекс ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар музокирот вобаста ба масъалаи мазкур намояндагони бахши хусусӣ иштироки фаъол намуда, изҳори нигаронӣ карданд, ки таклифу пешниҳодоти онҳо, аз ҷумла оид ба содда ва оммафаҳм намудани лоиҳаи Кодекс, паст кардани меъёри андозҳо ва бекор кардани баъзе намудҳои онҳо ва дигар пешниҳодот дар лоиҳаи Кодекси андоз ба таври лозимӣ ба инобат гирифта нашудаанд.

Вобаста ба ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки мақсади асосии Кодекси андоз албатта фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат мебошад. Ҳарчанд дар лоиҳаи нави Кодекс кам гардидани шумораи умумии андозҳо ба назар гирифта шуда бошад ҳам, вале аз назари бахши хусусӣ дар маҷмӯъ лоиҳаи Кодекси пешниҳодшуда барои андозсупорандагон мураккаб боқӣ мондааст, ки ин ба хилофи ҳадафҳои ислоҳоти пешниҳодгардида ҷавобгӯ нест.

Ҳамчунин аз назари соҳибкорон дар лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз масъалаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор низ ба таври шаффоф инъикос нагардида, ба кормандони мақомоти андоз ҳуқуқҳои аз ҳад зиёд пешниҳод шудааст. Дар ин замина, яке аз зуҳуроти манфие, ки дар ҷомеаи мо вуҷуд дорад, фасод мебошад ва мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки ҷиҳати аз байн бурдани фасод мусоидат намоянд.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро таъкид гардид, ки воридшавии маблағҳоро ба буҷети давлатӣ на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, яъне соҳибкорон, васеъ кардани сарчашмаҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ, таъмини сатҳи баланди иҷрои ӯҳдориҳои андозӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ зиёд кардан лозим аст. Мувофиқан коҳиш додани хароҷоти ҷорабиниҳои каммаҳсул дар буҷети давлатӣ низ ба манфиати кор аст. Инчунин зарур аст, ки манбаҳои пӯшонидани қисми

эҳтимолии камомади буҷети давлатӣ бинобар сабаби амалӣ намудани ислоҳоти низоми андозбандӣ муайян карда шаванд.

Вобаста ба ин, Кодекси нав бояд фишанги муосири ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии бахши воқеии иқтисодиётро дар худ таҷассум намояд. Дар як вақт, низоми андозбандӣ бояд чунин ба роҳ монда шавад, ки аз як тараф давлат ва ҷомеаро бо захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз ҷониби дигар ташаббусҳои фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро ба шарикони рушд муроҷиат намуданд, ки онҳо самаранокии лоиҳаҳои худро баланд бардошта, камшавии даромади буҷети давлатиро вобаста ба ислоҳоти низоми андозбандӣ ҷуброн намоянд.

Сипас, **аз рӯи масъалаи сеюми** рӯзномаи ҷаласа оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар вилояти Хатлон, Раиси вилоят Гайбуллю Авзалов гузориш дода, аз ҷумла қайд намуд, ки солҳои охир барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоят таъсис дода шуда, дар соли 2011 се ҷаласаи он гузаронида шуд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро қайд намуданд, ки вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда истодааст. Дар соли 2011 дар қаламрави вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ қариб 50 корхонаи нави саноатӣ бунёд гардид. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди истифодаи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондааст. Ҳалли мушкилоте, ки имрӯз дар вилоят барои рушди фаъолнокии иқтисодӣ монеа эҷод менамоянд, бояд вазифаи аввалиндараҷаи Шӯрои назди Раиси вилоят гардад.

**Сипас, аз рӯи масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа,** Котиби масъули Шӯро – Давлаталӣ Саидов баромад намуда, нисбат ба масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ вобаста ба гузаронидани таҳлил ва омода намудани пешниҳодҳо оид ба соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, ахборот дод.

Аз ҷумла қайд гардид, ки солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти кам намудани шумораи иҷозатҳо ва иҷозатномаҳо, соддагардонии расмиёти маъмурӣ



барои сармоягузорон ва ба низом даровардани он корҳои мушаххасе анҷом дода шуданд. Бо вуҷуди ин таҳлилҳо собит месозанд, ки тартиби дастрас намудани иҷозатномаҳо то ҳол номукаммал боқӣ мондааст ва аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон дар маҷмӯъ мураккаб ва ношаффоф арзёбӣ мегардад. Шумораи зиёди иҷозатномаҳо дар асоси талаботҳои техникии кӯҳна буда, ба шароити иқтисодиёти бозаргонӣ ҷавобгӯ нестанд ва баъзе аз онҳо бо дигар намуди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда такрор мешаванд.

Инчунин вазъи расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, аз ҷумла тартиби дастрас ва тамдид намудани раводид, бақайдгирии сармоягузорон ва шаҳрвандони хориҷӣ, хизматрасонии мусофирон дар фурудгоҳҳои мамлакат ва дар гузаргоҳҳои сарҳадию гумрукӣ, иҷозатдиҳӣ барои кор ва дигар расмиётҳо то ҳол мураккаб буда, барои ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ монеа эҷод менамояд.

Дар ин радиф, идомаи ислоҳот дар самти боз ҳам мустаҳкам намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, мукаммал намудани тартиби бақайдгирии омории сармоя, таъсиси корхонаҳои муосири истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ, рақобатпазир намудани иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори он ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум зарур шуморида мешавад.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Президенти мамлакат супориш дода шуд, ки оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шаванд.

Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон – Улф Ҳиндстром, Намояндаи Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон – Марша Олив, Роҳбари Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон – Гулбаҳор Маҳкамова, Роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон – Некруй Забиров, директори кулли ҶДММ «Ёкут-2000» Абдуҳалим Қодиров иштирок намуданд.

**Дар суханронии ҷамъбастии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро оид ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида баён намуда,**

**вобаста ба нуктаҳои зикргардида, ба мақомот ва масъулини дахлдор дастуру супоришҳои зайл доданд:**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалиро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.

Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.

2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд оид ба масъалаҳои соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, таҳлилҳо гузаронида натиҷаи онро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд.

3. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратиро таҳти назорати доимӣ гирифта, мониторинги иҷрои қарорҳо ва дар ҳолати зарурат натиҷагирии онро дар назди Сарвазири мамлакат давом диҳад.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар қаламрави вилоят хусусан минтақаҳои дурдасту кӯҳии он, дар соҳаҳои саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот, коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти нихоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, саноати коркарди гӯшту шир, бахши сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт нақша-чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, афзоиши назарраси таъсиси корхонаҳои саноатиро дар вилоят таъмин намояд.

5. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти



Хатлон ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон вазъи кунунии минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Данғара»-ро пурра таҳлил намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо, аз ҷумла рушди савдои байнисарҳадӣ чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шашмоҳа ахборот диҳад.

6. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута, соҳибкорон, муассисаҳои таълимоти касбӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани иқтидори касбии соҳибкорон, таъсиси марказҳои бозомӯзии соҳибкорон ва таъмини фаъолияти самараноки онҳо чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳар шашмоҳа ахборот манзур намоянд.

7. Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд масъалаҳои дар ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ баррасишавандаро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамоҳанг намоянд.

8. Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ва ҷараёни иҷрои онҳоро тавассути васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос намояд.

9. Аъзоёни Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолияти пурсамар намуда, ба соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоянд ва аз натиҷааш дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахборот пешниҳод намоянд.

10. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ахбороти Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд пешниҳод карда шавад.

11. Ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои хурдро бо фоизҳои паст ба занҳои соҳибкор зиёд намоянд.

12. Номзадии Завқиев Завқиҷон ба вазифаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз рӯзи расман ба кор оғоз карданаш, яъне 21 ноябри соли 2011 тасдиқ карда шавад.

13. Номзадии аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши соҳибкории ватанӣ Роҳбари Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон - Акбаров Фарҳодҷон, Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Помир Энерҷӣ» - Ҷумаев Далер, Роҳбари Иттифоқи ассотсиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд - Тюряева Маъсуда ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ Директори кулли Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «НБО Сангтуда-1» - Ругин Геннадий тасдиқ карда шавад.

Ваколатҳои аъзои Шӯро аз ҷониби бахши соҳибкории ватанӣ, Роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон – Забиров Некрӯй, Роҳбари Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон - Маҳкамова Гулбаҳор, Роҳбари ҶСК «Комбинати саноати киноварзии Гулистон» - Ҳакимов Сангинмурод ва аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ - Раиси Шӯрои директорони ҶДММ «Джинфенг Тоҷикистон» ва КМ «Зарафшон» - Тан Шан Фу бинобар сабаби ба итмом расидани мӯҳлати ваколатҳояшон, қатъ карда шавад.

Котиби масъули Шӯро,
Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Д. Саидов

Роҳбари Котиботи Шӯрои
машваратии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ — З. Завқиев